**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Абдусаматов Бекбобо Бурихонович дар мавзуи «Афғонистон дар солҳои 1992–2001: вазъияти сиёсӣ-низомӣ ва мушкилоти давлатсозӣ» барои дарёфти дарачаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020300 - Таърих (6D020302-Таърихи умумӣ). Душанбе, 2024.**

Муҳиммияти омӯзиш ва таҳқиқи мавзуи вазъияти сиёсӣ-низомӣ ва мушкилоти давлатсозӣ дар Афғонистон яке аз масъалаҳоест, ки атрофи он пажуҳишҳои фаровон сурат гирифта бошад ҳам, то имрӯз дар шакли як комплекси диссертатсиони анҷом наёфтааст. Диссертант аз уҳдаи ин кори пурмасъул ба хубӣ баромадааст.

Бояд таъкид намуд, ки Асосгузори сулҳу вахдати миллӣ - Пешвои миллат, Президента Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон аз лаҳзаи ба сари қудрат омаданаш дар ҳар як баромадҳои худ дар дохил ва хориҷи кишвар, инчунин дар конфронсҳои байналмилалӣ аз хатари терроризм дар хоки Афғонистон, мардуми сайёраро огоҳ намудааст, ин ҳам мубрамии мавзуи диссертатсионии Абдусаматов Бекбобо Бурихоновичро нишон медиҳад.

Муаллиф, дар муқаддимаи диссертатсия аҳаммияти мавзуъ, дараҷаи омӯзиши он, сарчашмаҳои омӯзиши мавзуи мазкурро нишон дода, ҳамзамон ҳадаф ва мақсади таҳқиқот, навоварӣ ва асосҳои методологии таҳқиқотро хеле хуб ба риштаи таҳқиқ кашидааст.

Пойгоҳи манбавии таҳқиқотро сарчашмаҳои муҳим ва боэътимод, пеш аз ҳама манбаҳо ва сарчашмаҳо бо забонҳои тоҷикӣ, форсӣ, русӣ ва англисӣ таълифгардидаи муаррихон ташкил медиҳанд. Вобаста ба ин муаллиф сарчашмаҳои мавриди истифодаро ба мазмуну муҳтаво ва фарогирии мавзуъҳои баррасигардида ба чор гурӯҳ ҷудо намуда, хеле хуб ба риштаи таҳлил кашидааст.

Нақшаи кори таҳқиқотӣ, мантиқан ва мазмунан мутобиқ ба талаботи илмӣ таҳия шуда, ҳар боби он ба масъалаҳои махсус бахшида

шуда, ҷавобгӯйи мақсади гузошташуда мебошанд. Ғайр аз ин, хулосаи автореферат дарбаргирандаи ҳамаи паҳлуҳои бобҳои алоҳидаи кор ва мубрамияти масъала мебошад, ки ба таври возеҳ баён гардидаанд.

Аз ҷумла, боби сеюми диссертасия зуҳур ва ташаккули ҳаракати «Толибон» аз се зербоб иборат буда, дар он омилҳои дохилӣ ва хориҷии зуҳури Толибон, андешаҳои динӣ ва сиёсии онҳо ва шиддат гирифтани муқовимат бар зидди Толибон аз тарафи ҷомеаи ҷаҳонӣ ба пуррагӣ таҳқиқ гардидаст.

Дар раванди таҳқиқи рисолаи мазкур Абдусаматов Б.Б. пеш аз ҳама ба ҷанбаҳои таҳқиқотӣ диққати махсус дода, дар рафти таҳқиқот риояи истифодаи усули диалектикии илмӣ - таърихию фарҳангиро роҳандозӣ намуда, тамоми ҷузъиёт бо аҳдоф ва вазифаҳои таҳқиқот тавъам буда, аз пешгуфтор, се боб, ҳафт зербоб, хулоса ва рӯйхати сарчашмаву адабиёти истифодашуда, ки аз 175 номгӯй иборат аст, мавриди муфассали тадқиқот қарор додааст.

Дар хулосаи кор асоси омӯзиши сарчашмаҳои боэътимод доир ба масъалаҳои мушкилоти давлатсозӣ дар Афғонистон дар солҳои 1992-2001 натиҷаҳои умумии тадқиқот мушфиқона ҷамъбаст ва пешниҳоду тавсияҳои нишонраси муаллиф оварда шудаанд. Мазмуну муҳтавои автореферати диссертатсия дар мақолаю корҳои чопшудаи илмии муаллиф, ки дар рӯйхати интишороти илмии довталаб иборат аз 8 номгӯй омадааст, пурра инъикоси худро ёфтааст. Дар автореферати тақризшаванда дар баробари ҷанбаҳои мусбӣ баъзе камбудиҳо ба монанди хатогиҳои имлоӣ ва техникӣ ба чашм мерасанд, ки онҳо арзиши илмии диссертатсияро коҳиш намедиҳанд.

Дар умум, диссертатсияи Абдусаматов Бекбобо Бурихонович дар сатҳи зарурии илмӣ-назариявӣ навишта шудааст ва он бе шак сахми муҳими муаллиф дар таърихнигории Тоҷикистон мебошад. Ҳамин тавр, рисолаи Абдусаматов Бекбобо Бурихонович дар мавзуи «Афғонистон дар солҳои 1992–2001: вазъияти сиёсӣ-низомӣ ва мушкилоти

давлатсозӣ» ба талаботҳои муқаррарнамудаи «Низомнома дар бораи тартиби додани унвонҳои илмӣ» ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори гирифтани дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020300 - Таърих (6D020302-Таърихи умумӣ) мебошад.

**Сардори раёсати илм ва инноватсияи Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон номзади илмҳои таърих, дотсент** **Ҷобиров Р.Ф.**

**Имзои Р.Ф. Ҷобировро тасдиқ менамоям:**
**Сардори раёсати кадрҳо, коргузорӣ ва корҳои махсуси АИДНПҶТ** **Зоирхонзода Ф.З.**

Суроға: 734003,Ҷумхурии Тоҷикистон,
ш.Душанбе, кӯчаи Саид Носир, 33
Телефон: +992(37) 224-17-86
info@apa.tj

05. 12. 2024